**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ Бобозода Ҷамрод Қурбон ба диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023, 185 саҳ.)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар фазои илми сивилистика яке аз масъалаҳои баҳснок, ки имрӯзҳо дар амалия низ муҳимияти хосаи худро пайдо намудааст хизматрасонии коммуналӣ ба шумор меравад.

Яке аз муаммоҳои асосӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ дар ҶТ таҳкими мутобиқатии қонунгузорӣ оид ба таъмини шаҳрвандон бо нерӯҳои барқӣ, гармӣ, оби нӯшокӣ, ки барои эҳтиёҷҳои аҳолӣ муҳим ҳастанд, маҳсуб мегардад.

Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба истифода додани хати оби нӯшокӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 28 октябри соли 2021 зикр карданд, ки масъалаи дастрасии пурраи аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ аз ҳадафҳои аслии роҳбарияти давлату Ҳукумат маҳсуб ёфта, ин раванд дар мамлакат тавассути татбиқи тарҳҳои сармоягузорӣ ва ҷалби маблағҳои ҷумҳуриявӣ марҳила ба марҳила амалӣ карда мешавад.

Ҳолати мазкур гувоҳи аз он медиҳад, ки хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҷумҳурӣ муҳимияти хосаро касб намуда истода, дар доираи таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додани масоили институтсионалии шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ беш аз пеш мубрам маҳсуб мегардад.

Дар ин маврид, дар айни ҳол дар илми ҳуқуқи маданӣ зарурияти таҳқиқ кардани маҷмӯи масъалаҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ, муайянкунии мавқеи шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии

коммуналӣ дар низоми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқии дар қонунгузорӣ пешбинишуда ба миён омадааст.

Мубрамияти таҳқиқи назариявии муаммоҳои танзими ҳуқукии институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ дар он зоҳир мегардад, ки маҳз дарки амиқи моҳияти табиат ва мавқеи ин институт дар низоми меъёрҳои ҳуқуқи мадании соҳаи таҳқиқшавандаро танзимкунанда барои амалӣ гардонидани татбиқи дурусти амалии он имкон медиҳад.

Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

**Боби якуми диссертатсия – "Хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон"** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

**Зербоби якуми боби якум – "Мафҳум, аломатҳо ва таснифоти хизматрасонии коммуналӣ"** ном дошта, дар он муаллифи рисола мафҳум ва аломатҳои хизматрасонии коммуналиро таҳлил намуда, хизматрасонии коммуналиро аз рӯйи меъёрҳои гуногун таҳти таснифот қарор додааст.

Таснифи хизматрасонии коммуналӣ дар асоси меъёрҳои зерин сохта мешавад: 1) намуди захираҳои коммуналӣ; 2) намуди муносибатҳои таъминкунанда; 3) намудҳои муносибатҳои шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналиро муайянкунанда; 4) иштироки сохторҳои миёнарав дар хизматрасонии коммуналӣ; 5) намуди манзилҳои ба онҳо хизматрасонанда; 6) давомияти расонидани хизматрасонии коммуналӣ; 7) афзалиятнокӣ ва дуюмдараҷагии хизматрасонии коммуналӣ; 8) мақсади истифодаи хизматрасонии коммуналӣ; 9) иштироки мақомотҳои давлатӣ дар муайянкунии шартҳои шартномаи хизматрасонии коммуналӣ; 10) намуди шабакаи пайваста; 11) меъёри муҳимияти хизматрасонии коммуналӣ барои ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон; 12) меъёри тахассусӣ ва тартиботи иҷозатдиҳии хизматрасонии коммуналӣ.

Хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои мадании дар асоси шартномаи хизматрасонии музднок пешниҳодшаванда дар намуди амалҳои одамон сурат мегирад, ҳол он ки ҳангоми амалигардонии хизматрасонии коммуналӣ оид ба интиқоли энергия интиқоли воқеии ҳомили энергетикии моддӣ ба истеъмолкунанда ҷой дорад. Дар ин ҳолат, объект дар як вақт дар намуди пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба интиқоли энергия то истеъмолкунанда ва интиқоли объекти моддӣ қарор дорад.

Албатта, ҳангоми амалигардонии фаъолият оид ба таъмини истеъмолкунанда бо захираҳои коммуналӣ ташкилоти таъминкунанда дар як вақт корҳо ва хизматрасонии баҳри таъмини таҳвили (фурӯши)

захираҳо равонагардидаро ба амал мебарорад, ҳамчунин, ин ҳолат табиати воқеии ҳуқуқии ин муносибатҳоро дигаргун намесозад, азбаски истеъмолкунанда бо баробари таъмин маблағи худи захираҳоро мепардозад, ки қатъиян ба категорияи хизматрасонӣ мувофиқат намекунад. Бештар аз он, дар навбати аввал барои истеъмолкунанда ҳамчун натиҷа на фаъолияти интиқоли онро таъминкунанда, балки захира аҳамият дорад.

**Зербоби дуюми боби якум – "Манбаъҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ"** ном дорад, ки дар доираи он аз ҷониби диссертант масоили заминаи меъёрию ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ (таъмини нерӯи барқ, таъмини нерӯи гармӣ, таъмини оби нӯшокӣ ва ғ.) айни ҳол ба қадри кофӣ ташаккул наёфтааст, бинобар ин, бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ ба миён меомада, аз ҷумла, муносибатҳо оид ба шартномаи идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ, шартномаи хизматрасонии коммуналӣ, шартномаи таъмини барқ, гармидиҳӣ, оби нӯшокӣ, таҳлили ташаккули қонунгузории ҶТ дар соҳаҳои мазкур зарур ва муҳим ҳисобида мешавад.

Мафҳуми «хизматрасонии коммуналӣ» дар ягон меъёрҳои қонунгузорӣ оварда нашудааст, гарчанде дар баъзе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло қайдшуда, ибораи мазкур сабт шудааст. Ба таври дуруст пайдо кардани фаҳмиши хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ муаллифи рисола пешниҳод кардааст, ки таърифи мафҳуми «хизматрасонии коммуналӣ» бояд ба таври расмӣ дар Қоидаҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ва хизматрасонии коммуналӣ дарҷ гардад ва шарҳ дода шавад.

Аз таҳлили меъёрҳои манбаъҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ муаллифи рисола хулосабарорӣ кардааст, ки захираҳои коммуналӣ, аз қабили нерӯи барқ, оби нӯшокӣ ва пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ, яъне таъмини нерӯи барқ, таъмини оби нӯшокӣ, рафъи обҳои партов дар сатҳи санадҳои зерқонунӣ дар доираи истифодаи захираҳои коммуналӣ ва пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ба танзим дароварда мешавад.

Бояд қайд кард, ки заминаи меъёрию ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ (таъмини нерӯи барқ, таъмини нерӯи гармӣ, таъмини оби нӯшокӣ ва ғ.) айни ҳол ба қадри кофӣ ташаккул наёфтааст, бинобар ин, бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ ба миён меомада, аз ҷумла, муносибатҳо оид ба шартномаи идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ, шартномаи хизматрасонии коммуналӣ, шартномаи таъмини барқ, гармидиҳӣ, оби нӯшокӣ, таҳлили ташаккули қонунгузории ҶТ дар соҳаҳои мазкурро зарур ва муҳим медонем.

**Зербоби сеюми боби якум – "Хусусиятҳои танзими шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ"** ном дошта, дар он шартномаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бо шартномаҳои махсуси

обтаъминкунӣ, барқтаъминкунӣ, газтаъминкунӣ, гармитаъминкунӣ, рафъи обҳои партов ва шартномаҳои дигар инъикос мегардад. Аз ҷониби харидор (муштарӣ, фармоишгар, истеъмолкунанда, қабулкунанда) бо маблағ ба даст овардани захираҳои коммуналӣ ва истифодаи минбаъдаи онҳо барои фароҳам овардани шароити мӯътадил барои истиқомат ва фаъолият дар манзилҳои истиқоматӣ барои ҳамаи онҳо умумӣ мебошад.

Муаллифи рисола хусусиятҳои шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналиро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки таҳлили унсурҳои речаи соҳавии танзими ҳуқуқӣ нишон додааст, ки муносибатҳо оид ба хизматрасонии коммуналии манзилҳои истиқоматӣ маданӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Танзими маданӣ-ҳуқуқии хизматрасонии коммуналӣ ба воситаи танзими муносибатҳои тарафайн оид ба хизматрасонии коммуналӣ, инчунин ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон барои ба даст овардани захираҳои коммуналӣ сурат мегирад. Муаллифи рисола таърифи мафҳуми шартномаи хизматрасонии коммуналиро пешниҳод кардааст, ки тахти он созишномае фаҳмида мешавад, ки тибқи он ташкилоти захиратаъминкунанда (иҷрокунанда) уҳдадор аст интиқоли шабонарӯзии захираҳои коммуналии босифат (нерӯи барқ ва гармӣ, оби нӯшокӣ, газ) ва хизматрасонии рафъи обҳои партовро тавассути шабакаҳои пайваста бо миқдори пешбинишуда баҳри қонеъ гардонидани талаботҳои маишии истеъмолкунанда (соҳибмулки манзил) дар биноҳои бисёрхонагӣ таъмин намояд, истеъмолкунанда (соҳибмулки манзил) уҳдадор аст барои истеъмоли захираҳои коммуналӣ ва истифодаи хизматрасонии рафъи обҳои партов маблағ пардозад, инчунин миқдори истеъмоли захираи коммуналиро риоя намояд, нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти шабакаҳо, асбобҳо ва таҷҳизотҳои дар ихтиёрдории ӯ қарордоштаро таъмин намояд.

Ҳамаи он шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналии дар боло қайдшуда, бо як хусусияти муттаҳидкунанда – хусусияти техникии иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ, яъне таъмини захираҳои коммуналӣ тавассути шабакаи пайваста, муайян карда мешаванд.

**Боби дуюми диссертатсия – «Хизматрасониҳои коммуналӣ ҳамчун мавзӯи шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ»** номгузорӣ гардида, фарогири чор зербоб мебошад.

**Зербоби якуми боби дуюм – “Тавсифи умумӣ ва таснифи шартномаҳои хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ”** ном гирифтааст. Дар доираи таҳқиқоти зербоби мазкур таъкид шудааст, ки сохти соддаи муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи таъмини захираҳои коммуналӣ дар ҳолате ба миён меояд, ки агар соҳибмулкони манзил дар бинои бисёрхонагӣ идоракунии бевоситаи бинои бисёрхонагиро ба амал бароранд. Дар ин бобат, истеъмолкунандагони маишӣ шартномаҳои таъмини захираҳои коммуналиро бевосита бо ташкилоти захиратаъминкунанда мебанданд. Сохти мураккаби алоқаҳои шартномавӣ дар соҳаи таъмини захираҳои коммуналӣ ҳангоми идоракунии бинои бисёрхонагӣ аз ҷониби ширкати соҳибмулкони манзил бо мустақилона иҷро намудани вазифаҳои идоракунӣ ба амал бароварда мешавад.

Ташкилотҳои идоракунии бинои бисёрхонагиро баамалбароранда истеъмолкунандагони захираҳои коммуналӣ намебошанд, онҳо вазифаи ташкилкунандаи алоқаҳои шартномавиро байни ташкилоти захиратаъминкунанда ва истеъмолкунандагони маишии дар бинои бисёрхонагӣ истиқоматкунандаро иҷро мекунанд. Аломатҳои асосии тартиб ташкилкунандаи шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ оид ба таъмини хизматрасонӣ инҳо мебошанд: – самтнокӣ ба ташкили фаъолият оид ба таъмини хизматрасонии коммуналӣ; – ҳайати махсуси субъектӣ; – шарт дар бораи пардохти дар доираи таъмини захираҳои коммуналии расонидашуда, аз ҷумла, барои эҳтиёҷоти умумибиноӣ (он тибқи тарофаҳои мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда шуда, амалӣ мегардад, ҳисоб бошад, ҳар моҳ ба истеъмолкунанда дар шакли расид пешниҳод карда мешавад); – расмиёти шартномавӣ, яъне тартиби баамалбарории расмиёти бастан ва иҷрои шартномаҳо дар ин соҳа.

Шумораи зиёди захираҳои коммуналӣ тавассути хатҳои пайваста ба муҳлати номуайян ва ишора ба ҳаҷми захираҳои истеъмолшаванда таъмин карда мешавад. Тавре муаллифи диссертатсия қайд менамояд, тибқи қонунгузории ҷорӣ ташкилотҳои идоракунанда ва ширкати соҳибмулкони манзил ба сифати иҷрокунандаи хизматрасонӣ баромад карда, бо ташкилотҳои захиратаъминкунанда шартномаҳо мебанданд: - обтаъминкунӣ ва корезӣ тибқи шартномаҳои рафъи об ва қабули оби партов ба канализатсияи шаҳрӣ; - гармитаъминкунӣ тибқи шартномаи таъмини энергия барои истеъмолкунандагони энергияи гармӣ дар оби гарм; - барқтаъминкунӣ тибқи шартномаҳои таъмини энергияи муштарии ягона ё тибқи шартномаҳои таъмини энергия.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм – “Шартномаи идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ”** диссертант қайд намудааст, ки низоми хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ маҷмӯи амалҳои аз рӯи мазмуни худ гуногунро мефаҳмонад, ки номгӯи онҳо маҳдуд нест, азбаски аз ҷониби тарафҳо дигар намуди хизматрасониҳои манзилӣ-коммуналие, ки ба истифодабарандагон дар муҳлати муайян зарур аст, пешбинӣ шуданаш мумкин аст.

категорияи «хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ» нисбати ҳамаи истилоҳҳои зикргардида, аз ҷумла, нисбати идоракунии хонаҳои истиқоматии бисёрҳуҷрагӣ басо васеътар мебошад, ки амалҳо оид ба додани хонаи истиқоматиро дар бар намегирад.

Ҳангоми хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ муносибатҳои тарафҳо, хулоса, амалҳои иҷрокунанда одатан хусусияти давомкунанда дорад, чунки шартномаҳои чунин хизматрасониҳо ба муҳлати дароз ё номуайян баста мешаванд.

Аз ин бармеояд, ки ҳангоми пешниҳод кардани хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ аз ҷониби ташкилотҳо дар соҳаи хоҷагидории манзилӣ-коммуналӣ на ин ки хизматрасонии коммуналии якдафъаина, балки як қатор хизматрасонии коммуналие ба анҷом расонида мешавад, ки новобаста дар шартнома дар бораи пешниҳоди хизматрасонии

коммуналӣ пешбинӣ шудаанд. Чунин шартнома бештар ба муҳлати давомнок баста мешавад.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ зикр менамояд, ки худи мафҳуми ҳуқуқии идоракунии биноҳои бисёрхонагиро дар ду маъно фаҳмида мешавад:

- дар маънои объективӣ идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ - ин институти ҳуқуқие мебошад, ки низоми меъёрҳои ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии танзимкунандаро дар назар дорад ва дар сурати аз ҷониби субъекти идоракунанда баамалбарории таъсири мақсаднок ба рафтори соҳибмулкони манзил ва дигар шахсон оид ба таъмини хизматрасонии молу мулки умумӣ дар бинои бисёрхонагӣ, таъмини хизматрасонии коммуналӣ ба миён меояд;

- дар маънои субъективӣ идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ – ин ухдадории маданӣ-ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳӣ аз ҷониби субъекти идоракунанда ба воситаи иҷрои маҷмӯи амалҳои воқеӣ ва ҳуқуқии таъсирот ба рафтори соҳибмулкони манзил дар бинои бисёрхонагӣ ва дигар шахсон оид ба таъмини хизматрасонии молу мулки умумӣ дар бинои бисёрхонагӣ, таъмини хизматрасонии коммуналии ба ноилшавии мақсадҳои бо қонун муқарраршуда равонашуда, мебошад.

**Зербоби сеюми боби дуюм – “Шартномаи таъминоти барқ дар шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дорад. Ба андешаи диссертант имрӯз муаммои таъмини иқтисодиёт бо захираҳои энергетикӣ на танҳо назди кишварҳои алоҳида, балки назди тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба миён омадааст. Он боз ҳам бештар аз сабаби маҳдудияти захираҳои як қатор захираҳои энергетикӣ ва аз ҳад зиёдшавии талаботҳои аҳолии замин ба энергия шиддат меёбад. Шаҳрҳо сохта мешаванд, бо баробари он истеҳсолот рӯ ба афзоиш ниҳода, талабот низ ба захираҳои энергетикӣ бо мурури замон афзоиш хоҳад ёфт.

Ба ин ҳамон далеле бояд илова карда шавад, ки дастрасии аксарияти давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф ба захираҳои энергетикӣ басо маҳдуд аст, ҳатто баъзан умуман вуҷуд надорад.

Дар ин шароит, барои ҳимояи манфиатҳои миллии ҶТ ба масъалаҳои рушди соҳаи энергетикӣ ва таъмини субот ҳангоми хизматрасонии энергетикӣ бояд таваҷҷӯҳи хоса дода шавад.

Ҳалли ин муаммо бештар аз сатҳи рушди хизматрасонии энергетикӣ дар ин ё он давлат, асосан аз сатҳи ташаккули бозори чунин хизматрасониҳо вобаста мебошад. Дар ин робита, омӯзиши роҳҳо ва воситаҳои ташаккули бозори чаканаи хизматрасонии энергетикӣ ҳамчун институти хизматрасонии аҳолиро дар соҳаи энергияи барқӣ муаррификунанда, мубрамияти махсусро ишғол менамояд.

Мутаассифона, илми муосири иқтисодӣ хизматрасонии энергетикиро ҳамчун намуди хизматрасоние, ки дар ҷараёни хизматрасонӣ фурӯш ва истеъмоли захираҳои энергетикӣ сурат мегирад, тавсиф намуда, таърифи возеҳ ва аниқ онро намедиҳад.

Ҳамчунин аз ҷониби диссертанд таъкид ба амал оварда мешавад, ки

масъалаи табиати ҳуқуқии шартномаи таъмини барқ баҳсталаб хоҳад монд. Гарчанде баъзе олимон шартномаи таъмини барқро ҳамчун шартномаи маҳсулотсупорӣ, шартномаи пудрат ҳисобида, дар он унсурҳои ин шартномаҳоро муттаҳид мегардонанд, ҳамчунин шумораи зиёди олимон шартномаи таъмини барқро ба шартномаи хариду фурӯш таaллуқ медоранд.

**Зербоби чоруми боби дуюм – “Таъмини аҳолии шаҳр бо гармӣ ва танзими шартномавии он”** ном дорад. Дар доираи таҳқиқот диссертант зикр менамояд, ки тафовут байни шартномаи таъмини гармӣ ва дигар шартномаҳои хоҷагидорӣ ба андозаи муайян бо он вобаста карда шудааст, ки дар асоси он муносибатҳои иқтисодии махсус гузошта шудаанд ва ҷараёнҳои на танҳо фурӯши пурраи маҳсулотро, балки ташкили дурусти истифодаи энергияи гармидиҳиро дар бар гирифта, дар ин асос хусусияти он муайян мегардад.

Ҳамин тавр, шартномаи таъмини гармӣ ба муносибатҳои байни ташкилоти таъминкунанда ва истеъмолкунанда чӣ оид ба таҳвили маҳсулот, чӣ оид ба истифодаи он таъсир мекунад. Ухдадории оид ба таъмини энергияи гармӣ тавассути шабакаи пайвастаи дар асоси шартномаи барассишаванда бавуҷудомада, ухдадории мустақил мебошад. Шартномаи таъмини энергия «тибқи қонунгузорӣ ҳамчун яке аз намудҳои шартномаи хариду фурӯш ифода мегардад, новобаста ба он ки бо назардошти хусусияти назарраси худ ҳамчун шартномаи мустақил муайян шудааст».

Ҳамчунин таъкид меравад, ки шартномаи таъмини гармӣ ба шартномаи таъмини энергия ҳамчун намуд ба навъ таaллуқ дорад ва дорои аломатҳои махсусе мебошад, ки барои ҷудо кардани он ба намуди алоҳидаи шартномаи таъмини энергия имкон медиҳад. Ба чунин аломатҳо дохил мешаванд, якум, мавзуи махсуси шартнома – энергияи гармӣ ва амалҳо оид ба таҳвили он; дуюм, ҳайати махсуси субъектӣ – ташкилоти гармитаъминкунанда, истеъмолкунанда, инчунин шахсе, ки дар моликияти ӯ шабакаҳои гармӣ қарор доранд; сеюм, самти махсуси мақсадноке, ки дар таҳвили пулакии энергияи гармӣ ба моликияти истеъмолкунанда тавассути шабакаи пайваста зоҳир мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Атаев Акмалхон Саидумарович бо дарназардошти мубрамияти самти танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ яке аз таҳқиқотҳои аввалин дар мавзуи асосҳои маданӣ-ҳуқуқии пешниҳоди хизматарсонии коммуналӣ мебошад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ, алалхусус идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ, таъмини захираҳои коммуналӣ, ба монанди нерӯи барқ ва гармӣ пешниҳод шудаанд.

Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя

пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои боэътимод ва муосири илми ҳуқуқи маданӣ, қонунгузории миллӣ, инчунин аз ғояҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро нишон медиҳанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Боиси зикр мебошад, ки таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба ҷанбаҳои гуногуни институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои таҷдиди институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ, асос меёбанд.

Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи мукаммали илмӣ оид ба шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ мебошад.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Атаев Акмалхон Саидумарович аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста ба шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ ба таври васеъ истифода шуда метавонанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи манзил ва умуман илми ҳуқуқшиносӣ мавҷудбуда мавриди истифода қарор гирад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи хизматрасонии коммуналӣ мавриди истифода қарор дод.

Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи манзил ва ғайра истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру

иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳое баҳснок, ихтилофот ва камбудиҳо дида мешавад ки онҳоро чунинанд:

1. Дар нуқтаи 8 ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф мафҳуми шартномаи таъмини гармиро пешниҳод менамояд. Муаллиф дар ин мафҳум дар симои истеъмолкунанда – шаҳрванд ва муштариро мебинад. Аммо бояд дар назар дошт ки муштарӣ худ гуфта метавон шаҳрвандро ки аз хизматрасонии ташкилоти гармитаъминкунанда истифода мебарад дар назар дошт.

2. Терминалогияи ҳуқуқӣ. Муаллиф баъзан вакт дар матни диссертатсия истилоҳотеро истифода менамояд ки дар матни қонунгузори маданӣ истифода нагардидааст. Масалан дар матни диссертатсия муаллиф истилоҳи амволро 14 маротиба истифода менамояд. Аммо бояд дар назар дошт ки истилоҳи амвол дар КМ боре ҳам истифода нагардидааст. Ҳамзамон муаллиф шартномаи таъминоти баркро ба таври васеъ истифода менамояд, ҳол он ки бо қабули КМ шартномаи мазкур ба шартномаи таъмини эрегия ивази ном гардидааст.

3. Консепсияи муаллиф аз он бармеояд ки хизматрасонии комуналӣ ба шартномаҳои категория хизматрасонӣ дохил мешавад. Инро метавон аз номи мавзуи диссертатсионӣ ва дигар зербобҳои он муайян намуд. Лекин дар доираи кор муаллиф иброз медорад, ки таъмини барқ ҳамчун намуди шартномаи хизматрасонии музднок, ки боби 43 КМ танзим мегарданд мувофиқ нест. Тибқи шартномаи хизматрасонии музднок иҷрокунанда уҳдадор мешавад бо супориши фармоишгар хизмат расонад (амалҳои муайянеро анҷом диҳад, ки ба мазмуни уҳдадорӣ мутобиқанд), фармоишгар бошад, уҳдадор мешавад арзиши ин хизматрасониро пардохт намояд. Бояд гуфт ки ҳама намуди хиҳматрасониҳои музднок аз рӯйи боби 43 КМ танзим мешаванд. Агар таъмини барқ, ба категорияи шартномаҳои хисматрасониҳо дохил нашавад пас ҷой гирифтани шартномаи барқ дар доираи зербоби диссертатсионӣ зери савол гузошта мешавад. Зеро шартномаи таъмини энергия ба категория шартномаҳои категорияҳои "dare" дохил шуда хизматрасониро пайгири намекунад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру

иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Бобозода Ҷ.Қ
26.03.2025

Имзои Ҷ.Қ. Бобозодаро-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

КАДРОВ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Тел.: (992) 231-08-43. E.mail: info@ddmit.tj